**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**

Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба мубориза бо бемории сил

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба мубориза бо бемории сил маъқул дониста шавад.

2. Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи мазкурро ба имзо расонад ва ҳангоми зарурат ба матни он тағйиру иловаҳои хусусияти муҳимнадоштаро ворид намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида бо ҷониби Қазоқистон сана ва маҳалли имзои Созишномаи мазкурро мувофиқа намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон    Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 декабри соли 2019 № 663
ш.Душанбе

**Созишнома байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистои ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба мубориза бо бемории сил**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки минбаъд ҳамчун Тарафҳо номида мешаванд,

бо эътирофи аҳамияти ҳамкорӣ дар пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятии ба аҳолии давлатҳои Тарафҳо хатари калон дошта,

бо нияти давом ва вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва таъмин намудани ҳамоҳангии чорабиниҳои давлатии зиддиэпидемиологӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба ҳифзи санитарии ҳудудҳои давлатҳои Тарафҳо,

бо дар назар доштани он ки мубориза бо бемории сил барои саломатии аҳолӣ таҳдиди фаромарзӣ дорад,

бо эътибори аҳамияти махсуси иҷтимоӣ доштани ин мушкилот дар шароити реҷаи бераводид ва ҷараёнҳои фаъоли муҳоҷиратӣ байни давлатҳои Тарафҳо,

бо инобати он ки амалисозии барномаҳои Тарафҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо бемории сил, бо дар назар доштани манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда мешаванд,

бо зикри он, ки бемории сил на танҳо мушкилот дар солимии ҷомеа аст, балки хатаре ба амният мебошад, ки оқибатҳои давомдори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва бо бемориҳои илҳоқӣ ва ҳолатҳои дигар алоқамандии дутарафа дорад,

бо таваҷҷӯҳгузорӣ ба як қатор ҳуҷҷатҳои асосии стратегӣ, ки чорабиниҳоро оид ба пешгирӣ намудани бемории сил ва расондани ёрии зиддисилӣ, аз ҷумла Стратегияи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (минбаъд - СУТ) "Ба бемории сил хотима диҳем", Нақшаи глобалии "Боздоштани бемории сил" барои солҳои 2016-2020 ва Изҳороти консенсусии Волфхезе ва инчунин дар асоси қонунгузории давлатҳои Тарафҳо дастгирӣ ва роҳандозӣ менамоянд,

ба мувофиқаи зерин омаданд:

**Моддаи 1**

Барои ҳадафҳои Созишномаи мазкур, истилоҳоти дар поён овардашуда маънои зерин доранд:

"муҳоҷир" - шахсест, ки шаҳрванди давлати яке аз Тарафҳо буда, дар ҳудуди давлати Тарафи дигар қарор дорад ва шаҳрванди он намебошад;

"давлати истиқомати доимӣ" - давлате, ки муҳоҷир шаҳрванди он буда, он ҷо доимо истиқомат дорад;

"давлати истиқомати муваққатӣ" - давлате, ки ба муҳоҷири шаҳрванди ҳамин давлат набуда, хизматрасониҳои тиббӣ пешниҳод мекунад;

"муассисаҳои тиббии ваколатдор" - муассисаҳои тиббие, ки дар доираи қонунгузории миллӣ дар соҳаи ҳифзи тандурустӣ, хизматрасониҳои тиббиро оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил пешниҳод мекунанд.

**Моддаи 2**

Тарафҳо ёрии тиббиро ба шаҳрвандони давлатҳои Тарафҳо, ки гирифтори бемории силанд, тибқи қонунгузории давлатҳои худ мерасонанд.

**Моддаи 3**

1. Бо мақсади таъмин намудани тадбирҳои назорати байнисарҳадӣ, пешгирӣ ва табобати бемории сил байни муҳоҷирон, Тарафҳо оид ба такмил додани қонунгузории давлатҳои худ дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ, ки давлатҳояшон иштирокчиёни ин созишномаҳо мебошанд ва тавсияҳои СУТ оид ба назорати байнисарҳадии бемории сил байни муҳоҷирон, чораҳоро меандешанд.

2. Тарафҳо:

таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ҷиҳати татбиқи муқаррароти Созишномаи мазкур таъмин менамоянд;

ҳамдигарро дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда оид ба мушкилоти бемории сил ва расонидани ёрии тиббӣ ба гирифторони сил хабардор менамоянд;

ба ҳамкориҳои байни ташкилотҳои давлатии ваколатдор дар иҷрои муқарраротӣ Созишномаи мазкур мусоидат менамоянд;

тартиби мубодилаи иттилоот оид ба муҳоҷирони гирифтори бемории силро таҳия ва татбиқ менамоянд;

мониторинги амалисозии Созишномаи мазкурро таъмин менамоянд;

вазифаҳои дигари оид ба мубориза бо бемории силро тибқи қонунгузории давлатҳои худ иҷро мекунанд.

**Моддаи 4**

Тарафҳо бо ҳамдигар бо рӯйхати муассисаҳои тиббии ваколатдори худ, ки хизматрасониҳои тиббиро оид ба пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории сил пешниҳод менамоянд, мубодила мекунанд ва дар ҳолати нав карда шудани ин рӯйхатҳо ҳамдигарро хабардор менамоянд.

**Моддаи 5**

Тарафҳо ҳуқуқ ва озодиҳои муҳоҷирони мубталои бемории силро тибқи қонунгузории давлатҳои худ риоя менамоянд.

**Моддаи 6**

Тарафҳо ҳамдигарро оид ба муайян намудани муҳоҷиронгирифторони бемории сил дар ҳудуди давлати худ хабардор менамоянд ва инчунин маълумоти зарурирo вобаста ба табобати муҳоҷиронгирифторони бемории сил пешниҳод менамоянд.

**Моддаи 7**

Тарафҳо барои таъмини ҳуқуқҳои баробар барои ташкилотҳои давлатӣ, байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ ва иштироки онҳо дар барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои якҷоя оид ба назорату пайгирии паҳншавии бемории сил шароити зарурирo таъмин менамоянд, барои алоқа ва машварати мунтазам ва рушди робитаҳои бевосита байни онҳо мусоидат менамоянд.

**Моддаи 8**

1. Тарафҳо ба ҳамкориҳои худ оид ба гузаронидани тадбирҳои зиддисилӣ нисбати муҳоҷирон таҳким мебахшанд.

2. Тарафҳо ба мутобиқатии ҳуҷҷатҳои батанзимдарорандаи амалисозии тадбирҳои зиддисилӣ нисбати муҳоҷирон, аз ҷумла нафарони дар ҳудуди давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда, бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ барои дастрасӣ ба ташхис ва табобати бемории сил барои муҳоҷирон, ҳам дар давлати истиқомати муваққатӣ ва ҳам дар давлати истиқомати доимӣ мусоидат менамоянд.

**Моддаи 9**

Тарафҳо ҳамкориҳоро дар соҳаи бақайдгирӣ ва баҳисобгирии муҳоҷирон, аз ҷумла нафарони дар ҳудуди давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда, дар муассисаҳои тиббии ваколатдор

табобатгиранда, мубодилаи таҷриба оид ба усулҳои нави ташхис ва табобати бемории сил, инчунин офиятбахшии иҷтимоӣ ва тиббии муҳоҷирони ба бемории сил гирифторбуда, мубодилаи маълумот оид ба натиҷаҳои санҷишҳои тиббии шахсони ба ҳудуди давлати истиқомати муваққатӣ воридшуда ва (ё) нафарони барои гирифтани иҷозатномаи воридшавӣ муроҷиаткунандаро ба роҳ мемонад.

**Моддаи 10**

1. Тарафҳо тадбирҳои назорати сироятӣ, инчунин чораҳои ҳифозати инфиродии респираториро чӣ дар ташкилотҳое, ки ташхис ва табобатро мегузаронанд ва инчунин бо мақсади пешгирӣ намудани паҳншавии беморӣ ҳангоми аз ҳудуди давлати як Тараф бурда расондани муҳоҷирони ба бемории сил гирифторбуда ба ҳудуди давлати Тарафи дигар, меандешанд.

2. Тарафҳо муоинаи аъзои оила ва шахсони дар алоқа бо муҳоҷири гирифтори бемории сил қарордоштаро, новобаста аз он ки бемор дар ҳудуди давлати кадом Тараф аст, таъмин менамоянд ва дар ҳолати зарурӣ ба онҳо, тибқи қонунгузории давлатҳои худ, ёрии тиббии зарурӣ мерасонанд.

3. Ҳангоми муайян намудани муҳоҷирони ба бемории сил гирифторбуда дар давлати истиқомати муваққатӣ, мақомоти салоҳиятдори ин давлат ба мақомоти салоҳиятдори давлати истиқомати доимӣ маълумотро барои тамос намудан бо бемор (маълумоти шиносномавӣ, суроғаи ҷои истиқомат, маълумот барои тамос, маълумоти анамнези эпидемиологӣ ва ғайраро) барои гузаронидани чорабиниҳои санитарӣ ва зиддиэпидемикӣ (пешгирикунанда) дар маҳалли зисти бемор дар давлати истиқомати доимӣ хабар медиҳанд.

**Моддаи 11**

Тарафҳо созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, диаспораҳо, намояндагиҳои дипломатӣ ва/ё муассисаҳои консулгарии давлатҳои Тарафҳоро ба корҳо оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати бемории сил байни муҳоҷирон, аз ҷумла онҳое, ки дар ҳудуди давлатҳои Тарафҳо бо фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, ҷалб менамоянд.

**Моддаи 12**

Бо мақсади пешгирӣ намудани бемории сил ва ҳолатҳои вазнини он, инчунин мубодилаи маълумот оид ба усулҳои муосири ташхису табобат, мақомоти ваколатдори давлатҳои Тарафҳо иттилоотонии мунтазами аҳолиро оид ба чораҳои зарурӣ роҳандозӣ менамоянд ва барои гузаронидани намоишгоҳҳои мавзӯӣ, конференсияҳо ва семинарҳои якҷоя мусоидат менамоянд.

**Моддаи 13**

Барои амалӣ намудани Созишномаи мазкур, Тарафҳо гурӯҳи кории муштарак дар ҳайати 5 (панҷ) нафар аз ҳар як Тарафро ташкил медиҳанд. Машварати гурӯҳӣ корӣ ҳар сол гузаронида мешаванд. Дар ҳолати зарурӣ, бо ташаббуси яке аз Тарафҳо, машварат метавонанд

дар як сол аз як маротиба зиёд гузаронида шаванд. Гурӯҳи корӣ фаъолияти худро дар асоси дастур, ки дар машварати аввалин қабул карда мешавад, ба роҳ мемонад.

**Моддаи 14**

Ҳама гуна масъалаҳои баҳсӣ, ки байни Тарафҳо вобаста ба иҷро ва тафсири Созишномаи мазкур ба вуҷуд меоянд, бо роҳи машварату музокирот байни онҳо ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 15**

Муқаррароти Созишномаи мазкур ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои Тарафҳо, ки аз дигар шартномаҳои байналмилалӣ бармеоянд ва давлатҳои Тарафҳо иштирокчиёни он шартномаҳо ҳастанд, дахолат намекунанд.

**Моддаи 16**

Бо ризояти Тарафҳо ба Созишномаи мазкур ворид кардани тағйиру иловаҳо мумкии аст, ки онҳо бо протоколҳои алоҳида ба расмият даровардa мешаванд. Ин протоколҳо қисми ҷудонопазири Созишномаи мазкур мебошанд ва бо тартибе, ки дар моддаи 17 Созишномаи мазкур пешбинӣ шудааст, эътибор пайдо мекунанд.

**Моддаи 17**

Созишномаи мазкур аз рӯзи бо роҳҳои дипломатӣ гприфтани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи аз ҷониби Тарафҳо иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Созишномаи мазкур зарур аст, эътибор пайдо менамояд.

Созишномаи мазкур ба муҳлати 5 (панҷ) сол амал карда, худ аз худ дар давраҳои минбаъда тамдид меёбад, агар яке аз Тарафҳо на дертар аз 6 (шаш) моҳи қабл аз ба охир расидани муҳлати амали он ба таври хаттӣ Тарафи дигарро бо роҳи дипломатӣ оид ба ниятп худ дар бораи қатъ намудани амали он огоҳ насозад.

Созишномаи мазкур дар шаҳри _________ "___"__________соли 2019 ҳар кадом бо забонҳои тоҷикӣ, қазоқӣ ва русӣ тартиб дода шуда, дар ду нусхаи асл ба имзо расидааст ва ҳамаи матнҳо эътибори якхелаи ҳуқуқи доранд.

Дар сурати ихтилофи назарҳо дар тафсири алоҳидаи муқаррароти Созишномаи мазкур матни забони русӣ афзалият дорад.

Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.